Ҳар гоҳ онро (ҳилоли Рамазонро) дидед, рӯза бигиред ва ҳар гоҳ онро (ҳилоли моҳи Шаволро) дидед ифтор кунед. Агар осмон абрнок бошад ва моҳро надидед, 30 рӯзро пурра намоед

Аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегӯяд: "Ҳар гоҳ онро (ҳилоли Рамазонро) дидед, рӯза бигиред ва ҳар гоҳ онро (ҳилоли моҳи Шаволро) дидед ифтор кунед. Агар осмон абрнок бошад ва моҳро надидед, 30 рӯзро пурра намоед."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишонаи даромадан ва баромадани ҳилоли моҳи Рамазонро баён намуданд: Ҳар гоҳ ҳилоли моҳи Рамазонро дидед, рӯза бигиред. Ва агар осмон абрнок бошад, ё чизи дигаре монеъа шуд ва моҳро дида натавонистед, 30 рӯзро барои моҳи Шаъбон пурра кунед. Ҳамчунин агар ҳилоли моҳи Шаволро дидед, ифтор кунед (ид кунед), агар осмон абрнок бошад ё чизи дигаре монеъа шуд ва моҳро дида натавонистед, 30 рӯзро барои моҳи Рамазон пурра кунед.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4549